# Ҳадиси Ғадири Хум ва мавзӯъи имомат

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Сайид Муҳаммад Солеҳи Маҳҷур

Таҳия: islamhouse.com\tajiki

2013 - 1434

IslamHouse.com

# حديث الغدير و موضوع الإمامة

«باللغة الطاجيكية»

سيد محمد صالح مهجور

إعداد: دار الإسلام/ طاجيكي

2013 - 1434

IslamHouse.com

# Ҳадиси Ғадири Хум ва мавзӯъи имомат

## Ихтилофи мусалмонон дар мавриди ҳадиси Ғадири Хум

Ҳангоми таҳқиқи воқеаҳои таърихи Ислом ва баррасии аҳодиси Расули Худо (с) мутаваҷҷеҳи ривоёте мешавем, ки дар мавқеиятҳо ва зарфиятҳое вижае ва ба хотири баён, ё таъкид бар мавзуъоти хос пешкаш шудааст. Ин гуна маворид, маҷоли муносиб барои касоне фароҳам меоварад, ки дар пайи онанд то бар эътиқодоту даъвоҳои хеш далели муносиб ва мустаҳкаме биёваранд. Лизо он гуна, ки худ хостаанд, аз ин ривоёт баҳра бурда ва ҷӣ басо дигаронро низ мавриди накӯҳиш қарор додаанд.

Боризтарин намуна аз ин навъ ривоёт ва воқеъаҳо, воқеъаи «Ғадири Хум» ва ҳадиси машҳур ба ҳадиси «Ғадири Хум» аст, ки дар соли поёнии ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳангоми баргашт аз Ҳаҷҷатулвидоъ, рӯзи ҳаждаҳуми Зулҳиҷҷа, соли даҳуми ҳиҷрӣ ба вуқуъ пайваст, ки баъдҳо ба унвони асос ва решаи эътиқодоти шиа дар баҳси имомат, мавриди таваҷҷӯҳи хос қарор гирифт.

Саъй бар он дорем, то дар ин мухтасар ба баҳсу баррасии таърихии ин воқеъа аз як сӯ ва таҳқиқи маънои луғавӣ ва истилоҳии лафзҳои ҳадис аз дигар сӯ бипардозем ва дар идома далоили ҳар қавлро низ мухтасаран баён кунем. Лизо баҳсро ба 6 бахши ҷудогона тақсим мекунем:

1- Ривоёти ворида ва таҳқиқи асноди ҳадиси Ғадири Хум.
2- Маънои луғавӣ ва истилоҳии лафзи «Валӣ» дар Қуръон ва Суннат ва луғат.
3- Сабаби вуруди ҳадиси Ғадир.
4- Эҳтиҷоҷ ба ҳадиси Ғадир.
5- Қавли шиа ва баррасии далелҳои он.
6- Қавли Аҳли суннат ва ҷамоат ва баррасии далеҳои он.

## Бахши аввал: Ривоёти ворида ва таҳқиқи аснодии ҳадиси Ғадири Хум:

Ҳадиси Ғадир аз тариқи баъзе аз Саҳоба ва ғолибан ҳамроҳ бо сабаби вуруди он дар китобҳои ҳадис оварда шуда, ба гунае, ки асли вуруди онро таъйид мекунад, ҳар чанд имом Бухорӣ ва Муслим онро ба ин лафз ривоят накардаанд. Зайлан ба намунаҳое аз ин ривоёт аз машҳуртарин кутуби ҳадис ишора мекунем:

### Аввал: Муснади имом Аҳмад:

Бароъ бин Озиб ривоят мекунад: Дар сафаре ҳамроҳи Паёмбар будам. Ҳангоми зуҳр дар минтақае ба номи Ғадири Хум манзил кардем. Баъд аз он, ки намози зуҳрро хондем, Расули Худо (с) дасти Алӣ бин Абӯтолибро гирифтанд ва фармуданд:

«مَن كُنتُ مولاه فعلي مولاه، اللّٰهُمَّ وال مَن والاه و عادِ مَن عاداه»،

сипас Умар бин Хаттоб Алиро мулоқот карданд ва ба ишон гуфтанд:

«هنيئاً يا ابن ابي طالب أصبحتَ و أمسيتَ مولى كلّ مومن و مومنة»

Муснади имом Аҳмад 4/281

Ин ҳадисро ба хотири вуҷуди Алӣ бин Зайд, ки ҳамон Ибни Ҷадъон бошад, заъиф донистаанд.

Дар ривояти дигар Абдурраҳмон бин Абӯлайло мегӯяд: Дар минтақаи Раҳбаҳ (минтақае дар Ироқ дар наздикии Қодсия) Алиро дидам, ки мардумро савганд медод: ҳар кас сухани Паёмбарро дар Ғадири Хум шунидааст, баланд шавад ва гувоҳӣ диҳад. 12 нафар, ки ҳама аз аҳли Бадр буданд, хестанд ва бар шунидаи худ гувоҳӣ доданд». (Муснади имом Аҳмад 1/119).

Бурайдаи Асламӣ ин Ҳадисро ҳамроҳ бо воқеъаи дигар ривоят мекунад ва мегӯяд: «Ҳамроҳ бо Алӣ бин Абӯтолиб дар сарияи (ғазва) Яман будем ва чун баргаштем, ман ба назди Паёмбар рафтам ва аз Алӣ шикоят кардам, Паёмбар (с) чешҳрааш тағйир ёфта ва фармуданд: «Эй Бурайда! Оё ман авлотар ба мӯминон аз худашон нестам? Гуфтам: бале эй Расули Худо! Ишон фармуданд: «من كنت مولاه فعلي مولاه». (Муснади имом Аҳмад 5/341).

## Дуввум: Ҷомеус-саҳеҳи (сунани) Тирмизӣ

Тирмизӣ ин ҳадисро як ҷо бидуни зикри сабаби хос аз Зайд бин Арқам ривоят мекунанд. (Сунани Тирмизӣ 5/637).

Ва дар ҷои дигар аз Имрон бин Ҳусайн ҳадисро бо лафзи дигар ба баъд аз сиряи Яман, воқеъҳои рухдода дар он ва шикоёти мардум аз Алӣ, нисбат медиҳад, ки Расули Худо (с)ро нороҳат карда ва фармуданд: «ما تريدون مِن علي؟ ما تريدون من علي؟ إن عليّاً منّي و أنا منه و هو ولي كلّ مومن بعدي». Тирмизӣ ин ҳадисро ҳасани ғариб медонад, зеро танҳо аз тариқи Ҷаъфар бин Сулаймон ривоят шудааст, ки бисёре аз муҳаддисин ӯро ба бадгӯйии Абӯбакр ва Умар муттаҳам кардаанд. (Сунани Тирмизӣ 5/637 ва Алмустадраки Ҳоким 3/110).

## Саввум: Сунани Ибни Моҷҷаҳ:

Ибни Моҷҷаҳ ин ҳадисро як ҷо аз Ибни Ҷаъдон ривоят мекунад, ки баёни иллати заъфаш гузашт. (Сунани Ибни Моҷҷаҳ 1/45).

Ва дар ҷои дигар ривоят мекунад, ки Муъовия дар маҷлисе аз Алӣ нолид, аммо Саъд бин Абуваққос, ки онҷо ҳозир буд, хитоб ба ӯ гуфт: оё дар бораи марде сухан мегӯйи, ки Расули Худо (с) дар бораи ӯ фармуд:

«مَن كنت مولاه فعلي مولاه» va «أنت مِنّي بمنزلة هارون من موسى إلا أنه لا نبي بعدي» va «لأعطينّ الراية رجلاً يحب الله و رسوله»

Сунани Ибни Моҷҷаҳ 1/45

### Чаҳорум: Алхасоиси Насоий:

Имом Насоий аз Зайд бин Арқам баъд аз баёни қиссаи Ғадир ва иҷтимоъи мардум, аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки фармуданд:

«من كنت وليه فهذا وليه، اللّٰهُمَّ وال من والاه و عاد من عاداه»

Алхасоис 15

Ҳамчунин шабеҳ бар ривояти ин ҳадисро аз тариқи Зайд бин Ясиъ аз Абдурраҳмон бин Абӯлайло дар Раҳба ривоят мекунад. (Алхасоис 16).

Ибни Ҷарири Табарӣ маҷмуъи туруқи ин ҳадисро дар ду муҷаллад сарфи назар аз сиҳату суқми он ҷамоварӣ кардааст. Ҳамчунин шайх Носируддини Албонӣ дар «Силсилатус-саҳеҳа» аксари ривоёти воридшуда дар мавриди ин ҳадисро ҷамоварӣ карда ва ғолиби онҳоро саҳеҳ донистааст.

## Бахши дуввум: Маънои (валӣ) дар Қуръон ва Суннат ва луғат

Моддаи (валӣ) дорои муштаққоти мутаъаддиде дар забони Араб аст, ки ҳар кадом худ маънои мухталифе доранд ва бисёре аз ин маъонӣ дар аҳодис ва баъзе дар Қуръон истифода шудааст. Зайлан ба баъзе аз муштаққоти ин лафз ва маъонии ҳар кадом ишора мешавад:

**А: مولى**: ки дорои маъонии мухталифест, мисли:

1- **садиқ (дӯст) ва насир (нусратдиҳанда) ва муҳиб (дӯстдор)**

﴿ فَإِخۡوَٰنُكُمۡ فِي ٱلدِّينِ وَمَوَٰلِيكُمۡۚ ﴾ [الاحزاب : ٥], ва ﴿ ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ مَوۡلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَأَنَّ ٱلۡكَٰفِرِينَ لَا مَوۡلَىٰ لَهُمۡ ﴾ [محمد : ١١]. مُزينة و جُهينة و أسلم و غفار موالى الله و رسوله /بخاري مناقب٢ و٦) (إنما أوليائي المتقون/أبوداود فتن ١).

**2- Асабият ва писари амак:** ﴿وَإِنِّي خِفۡتُ ٱلۡمَوَٰلِيَ مِن وَرَآءِي﴾ [مريم: ٥]

**3- Ҳалиф ва ҳампаймон:**

**4- Муътиқ ва муътақ (озодкунанда ва озодшуда),** (نهى رسول الله صلى الله عليه و سلم عن بيع الولاء و هبته /نسائي/١٢٣).

**5- Носир (нусратдиҳанда):** ﴿فَنِعۡمَ ٱلۡمَوۡلَىٰ وَنِعۡمَ ٱلنَّصِيرُ ٧٨﴾ [الحج: ٧٨]

**6- Валии неъмат:** ﴿وَهُوَ كَلٌّ عَلَىٰ مَوۡلَىٰهُ ٧٦﴾ [النحل: ٧٦]

**7- Молик ва абд (ғулом).**

**8- Валии шаръӣ:**

(أيما امرأة نكحت بغير إذن مولاها - و في رواية وليّها – فنكاحها باطل) /الترمذي نكاح ١٤. ﴿فَلۡيُمۡلِلۡ وَلِيُّهُۥ بِٱلۡعَدۡلِۚ ٢٨٢﴾ [البقرة: ٢٨٢] (السلطان ولي من لا ولي له) الترمذي نكاح ١٤.

**Б: مولات ضد معادات:** Ба маънои мутобаъат ва пайравӣ кардан.

**В:** ولاية (бо касри вов), ба маънои иморат ва нусрат ва бо фатҳи вов (وَلاية), ба маънои насаб ва нусрат. Яъне маънои нусрат барои лафзи вилоят дар ҳар ду сурат (каср ва фатҳи вов) муштарак аст.

**Д:** أولى: ба маънои таҳдид ва ваъид ﴿أَوۡلَىٰ لَكَ فَأَوۡلَىٰ ٣٤﴾ [القيامة: ٣٤]

Баъзе аз муштаққоти ин модда иборат аст аз: التولي، استولى، ولّي، التولية.

Бо таваҷҷӯҳ ба таъаддуди маъноии (валӣ) дармеёбем, ки итлоқи маънои хоссе барои лафзи (мавло) дар ҳадиси Ғадир корест бисёр дӯшвор ва ниёз ба қарина дорад. Имом Шофеъӣ (р) мегӯяд: «Мақсуд вилояти Ислом аст, чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ مَوۡلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَأَنَّ ٱلۡكَٰفِرِينَ لَا مَوۡلَىٰ لَهُمۡ ١١﴾ [محمد : ١١]

## Бахши саввум: Сабаби вуруди ҳадис:

Чуноне, ки дар бахши баррасии ривоёти ҳадиси Ғадир низ баён шуд, таъдоде аз туруқи ин ҳадис ба сурати мутлақ ва бидуни ишора ба сабаби хоссе нақл шудааст, аммо гуруҳи дигаре аз ривоёт ҳамроҳ бо сабаби вуруд барои ин ҳадис нақл шудааст, ки маҷмуъи онон ба ду сабаб бармегардад:

1. Сарияи (ғазва) Алӣ бин Абӯтолиб ба сӯи Яман.

2. Баргашти Паёмбар (с) аз Ҳаҷҷатулвидоъ ва нузули ояти [المائدة: ٦٧] ﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ ٦٧﴾. Дар зер ба ҳар кадом аз ин ду сабаби вуруд ба сурати хулоса ишора мекунем:

### А. Сарияи Алӣ бин Абӯтолиб ба сӯи Яман:

Расули Худо (с) дар соли даҳуми ҳиҷрӣ, Холид бин Валидро ба сӯи аҳли Яман фиристод, то ононро ба Ислом даъват кунад, аммо чун баъд аз шаш моҳ натиҷае нагирифт, Алӣ бин Абӯтолибро бо теъдоде ба Яман фиристод, то ҷонишин Холид шавад. Алӣ бин Абӯтолиб мегӯяд: Ба Паёмбар (с) гуфтам: маро ба сӯи қавме мефиристӣ, ки мусинтар (калонсолтар) аз ман ҳастанд ва ман ҷавонам ва қазоват намедонам. Паёмбар (с) даст ба синаам гузошт фармуд: ( اللّٰهُمَّ ثبّت

لسانه واهد قلبه). Алӣ бин Абӯтолиб чун ба наздикии Яман расид, мардум ба истиқболи ӯ омаданд ва Алӣ низ баъд аз намози субҳ номаи Паёмбарро барои ишон қироат кард ва сабаб шуд, қабилаи Ҳамадон мусалмон шаванд ва дигар тоифаҳои Яман низ дар пайи онон мусалмон шуданд. Алӣ қазияи Исломи ононро тайи номае ба Расули Худо (с) хабар дод ва ишон низ аз ин хабар бисёр хушҳол шуданд. (Таърихи Табарӣ 3/132).

Имом Бухорӣ шабеҳ ба ин ҳикоятро ривоят мекунад, аммо иллати фиристода шудани Алиро гирифтани хумс медонад, ва аз Бурайдаи Асламӣ ривоят мекунад: Ман ба сабаб ин, ки Алӣ бин Абӯтолиб баҳрае аз хумсро барои худ бардошта буд, нороҳат шудам, лизо баъд аз баргашт қазияро ба Паёмбар (с) бозгӯ кардам, аммо ишон фармуданд: «Эй Бурайда! Оё аз Алӣ нороҳат шудӣ? Гуфтам: Оре! Ишон фармуданд: «Аз ӯ нороҳат машав, зеро ӯ беш аз он дар моли садақа ҳақ дорад». (Фатҳул-борӣ 8/56 Ибни Ҳаҷар ва имом Аҳмад  Муснад 5/347).

Ривоёти дигареро низ аз сабаби нороҳатии Бурайда овардаанд. Тирмизӣ аз Имрон бин Ҳусайн ривоятеро зикр мекунад, ки Алӣ аз моли хумс канизеро барои худ бардошт ва ҳамин сабаби нороҳатии дигарон шуд ва чун ба Паёбар (с)

расиданд ба назди Ишон рафтанд ва шикоят карданд, аммо Паёмбар (с) дар посух фармуданд:

«ما تريدون من علي؟ ما تريدون من علي؟ إن عليّاً منّي و أنا منه و هو ولي كل مومن بعدي». سنن الترمذي ٥/٦٣٢

«Аз Алӣ чӣ мехоҳед! Аз Алӣ чӣ мехоҳед! Алӣ аз ман аст ва ман аз ӯ ҳастам ва ӯ баъд аз ман валии ҳар мӯмин аст».

Ибни Касир аз Язид бин Рукона зимни ҳикояти сиряи Алӣ бин Абӯтолиб ривоят мекунад: «Алӣ барои ин, ки зудтар ба Макка бирасад ва дар Ҳаҷҷатулвидоъ ҳамроҳ бо Паёмбар бошад, шахсеро ҷонишин худаш сохт ва худ ба Макка рафт. Чун лашкар ба Макка наздик шуд, Алӣ ба истиқболи онон рафт, аммо мушоҳида намуд, ки онон аз либоси Байтулмол (ҷизя) пӯшидаанд, лизо аз онон нороҳат шуд ва амр кард, ки либосҳоро бадар кунанд. Ҳамин амр сабаби нороҳатии онон шуд ва он гоҳ, ки ба назди Паёмбар (с) расиданд, аз Алӣ шикоят карданд».

Ибни Касир дар таҳлили ин қазия мегӯяд: чун қилу қол ва шикоят дар бораи Алӣ зиёд шуд, Паёмбар дар роҳи баргашт аз Ҳаҷҷатулвидоъ ба Мадина, ононро дар Ғадири Хум ҷамъ кард, то

зеҳнияти ононро нисбат ба Алӣ ислоҳ кунад. (Албидояҳ ва алниҳояҳ, 3/106).

Ривояти дигаре аз ин ҳадис, ҳокӣ аз онаст, ки Паёмбар (с) баъд аз баргашт ба Мадина низ ба муносибате ин ҳадистро такрор кардааст.

### Б. Нузули ояти таблиғ:

﴿۞يَٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ وَإِن لَّمۡ تَفۡعَلۡ فَمَا بَلَّغۡتَ رِسَالَتَهُۥۚ وَٱللَّهُ يَعۡصِمُكَ مِنَ ٱلنَّاسِۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٦٧﴾ [المائدة: ٦٧]

Баъзе аз муфассирин ва муҳаддисин ривоёти зидду нақизеро аз Абӯсаъиди Худрӣ, Абдуллоҳ бин Масъуд ва Абдуллоҳ бин Аббос дар мавриди сабаби нузули оят зикр кардаанд.

Ибни Мурдавайҳва Ибни Абиҳотам ва Ибни Асокир ривоятеро аз Абӯсаъиди Хузрӣ нақл мекунанд бар ин, ки ин оят дар Ғадири Хум дармавриди Алӣ бин Абӯтолиб нозил шудааст. Таърихи Димишқ 42/237

Аммо дар ривояти дигар Ибни Абиҳотам аз Антара ривоят мекунад, ки афроде ба Ибни Аббос

гуфтанд: Агар чизи ногуфтае назди туст, барои мо бигӯ!

Ишон дар ҷавоб гуфтанд: оёнамедонед, ки Худованд фармуд ﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ﴾ [المائدة: ٦٧] ва Расули Худо низ чизеро барои мо нугуфта нагузошт. (Фатҳулқадир 2/57).

Ҳамчунин Ибни Абӯҳотам аз Ҷобир бин Абдуллоҳи Ансорӣ дар зимни ҳикояте аз ғазваҳои Паёмбар (с), (ғазваи Зотурриқоъ ва нақшаи қатли Паёмбар), нузули ин оятро ба он ҳикоят нисбат медиҳад. (Тафсири Ибни Касир 2/79).

Ҳамчунин Ибни Мурдавайҳ аз Ибни Аббос ривоят мекунад, ки аз Паёмбар дар мавриди сахтарин ояте, ки бар ишон нозилшуда, пурсиданд ва ишон посух доданд: «ман дар минтақаи Мино дар мавсими Ҳаҷ (аввалҳои беъсат) будам ва мушрикин маро иҳота карда буданд, ки Ҷибрил ин оятро бар ман нозил кард, ман низ бархостам ва мардумро ба тавҳид ва қабули рисолат фаро хондам, аммо ҳеҷ касе боқӣ намонд, магар он, ки бар сурати ман сангу хок ва оби даҳон пошид». Фатҳулқадир 2/57

Ҳамчунин Ибни Мурдавайҳ дар ривояти дигар аз Ойша (р) ва Абӯсаъиди Хузрӣ (р) сабаби нузулуи дигаре барои ин оят ишора мекунад.

Имом Фахруддини Розӣ дар тафсири Кабир ба 10 сабаби мухталиф дар бораи нузули ин оят ишора мекунад ва ниҳоятан як ривоятро тарҷеҳ медиҳад ва мегӯяд: «Бо вуҷуди таъаддуди ривоёт, аммо авлотар онаст, ки оятро ба эмин доштани Паёмбар аз макри Яҳуду Насоро нисбат диҳем, то ин, ки Паёмбар баъд аз нузули ин оят бидуни тарс ба таблиғи дин бипардозад ва ин боқабл ва баъди оят низ муносибати комиле дорад. (Тафсири Кабир 12/49

Аксари ривоёте, ки сабаби нузули оятро қабл аз воқеъаи Ғадири Хум медонад, дар идома ба нузули ояти ﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ ٣﴾ [المائدة: ٣] ,баъд аз ҳадиси Ғадири Хум ишора мекунад, зеро имомати Алӣ бин Абӯтолибро дар ҳукми комил шудани дин ва итмоми неъмати Парвардигор бар бандагон медонанд. (Таърихи Димишқ 42/237), дар ҳоле, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ омадааст: «Яҳуд ба Умар бин Хаттоб гуфтанд: Шумо дар китобатон оятеро мехонед, ки агар дар бораи мо

нозил шуда буд, он рӯзро ид мегирифтем! Умар ба онон гуфтанд: ман медонам, ки ин оят кай ва дар куҷо нозил шуда ва Паёмбар (с) дар он замон куҷо буданд; он дар рӯзи Арафа буд ва мо низ дар сарзамини Арафа будем». (Фатҳулборӣ 8/218).

Имом Муслим ба ин ривоят изофа мекунад: «ва он рӯз ҷумъа буд». (Муслим,Тафсир 4).

Дар ҳамин маъно аз имом Аҳмад ва Тирмизӣ низ аҳодисе нақл шудааст. Ибни Ҷарир аз тариқи Сафён бин Вакеъ аз Антара ривоят мекунад, ки чун дар рӯзи Ҳаҷҷи акбар ояти ﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ ٣﴾, нозил шуд, Умар гиря кард. Паёмбар аз ишон пурсиданд: Чӣ чиз туро ба гиря андохт? Ишон гуфтанд: (أبكاني أنّا كنّا في زيادة من ديننا فأما إذا كمل فإنه لم يكمل شيء إلا نقص), (Ман гиристам, зеро дини мо дар холати зиёд шудан буд, аммо ҳоло, ки комил шуд ва ҳар чизе, ки комил шуд, ба ноқисӣ ру меоварад). (Тафсири Табарӣ 6/52).

Бо таваҷҷӯҳ ба ривоёте, ки баъзе аз онҳо зикр шуд, дармеёбем, ки нисбат додани нузули ояти:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ﴾,

ва ҳамчунин ояти:

﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ ٣﴾

ба қазияи Ғадири Хум ва баҳси имомат ва хилофати Алӣ бин Абӯтолиб ниёз ба тавҷеҳоту таъвилоти фаровоне дорад, ки чӣ басо сабаби рад ва ё тазъифи ривоёти саҳеҳтари дигаре шавад.

## Бахши чаҳорум: Эҳтиҷоҷ ба ҳадиси Ғадири Хум

Баррасии эҳтиҷоҷ ба мазмун ва мафҳуми ҳадиси «Ғадири Хум» метавонад тариқи муҳим ва муфид ба хотири расидан ба натоиҷи муносиб дар мавриди мақсуд аз ироди ин ҳадис бошад. Аммо ривоёти саҳеҳе, ки дар ин замина битавон бар он эътимод намуд, вуҷуд надорад ва маҷмуъи ривоёт дорои суратҳое аз заъфу ғаробат ҳастанд, аммо баъзе аз ин ривоёт ба фарзи сиҳҳати онҳо ишора мекунем:

### А. Тақозои Алӣ бин Абӯтолиб дар Раҳба:

Боризтарин ривоёт дар ин замина ривояти мансуб ба Абдурраҳмон бин Абӯлайло дар Муснади имом Аҳмад (1/119) аст, ки дар бахши аввал ба он ишора шуд. (ривояти муношадаи Алӣ бин Абӯтолиб дар Раҳба, ки аз аҳли Бадр хост, бар шунидаи худ дар рӯзи Ғадир гувоҳӣ диҳанд). Ин ривоятро Ибни Ҳаҷар низ нақл мекунад, аммо баъзе аз риҷоли санади онро мансуб ба рафз (рофизӣ) ва ҳадисро заъиф медонад. (Ал-исобату фи тамйизи ал-саҳоба 2/408-2/40).

Ҳамчунин Ибни Касир ин ривоятро аз имом Аҳмад нақл мекунад ва онро ғариб медонад. (Албидояту ванниҳояҳ 5/243).

Ва ҳатто Ҳайсамӣ низ дар китобаш ин ривоятро заъиф донистааст. (Маҷмаъуззавоид 9/107).

Бо вуҷуди чашмпӯшӣ аз заъфи ин ривоят, агар ба таърих ва макони ин ривоят баргардем, дармеёбем Алӣ бин Абӯтолиб дар Куфа ва дар соли 35 ҳиҷрӣ, яъне дар замони хилофаташ ба ҳадиси Ғадир эҳтиҷоҷ мекунад, то бадин восила таваҷҷӯҳи мардуми шарури Куфаро ба худ ҷалб кунад, то чӣ басо аз ъинoду мухолифатҳои хеш даст бардоранд, лизо баъид аст, ки Алӣ хоста бошад дар мавқеъият ва дар миён он қавм, сухане аз ғасби хилофат ва ҳуқуқи хеш  ва он ҳам дар миёни он қавм зада бошад.

## Б. Эҳтиҷоҷи Алӣ ба ҳадиси Ғадир дар рӯз Ҷамал

Масъудӣ дар Муруҷуззаҳаб ривоят мекунад: «Сипас Алӣ Талҳаро садо зад ва гуфт: Эй Абӯмуҳаммад! Чӣ чиз туро хориҷ кардааст? Талҳа гуфт: Талаби хуни Усмон! Алӣ гуфт: Худованд ҳалок кунад онро, ки мустаҳиқтар ба хуни Усмон аст, оё нашунидӣ, ки Расули Худо (с) фармуданд: « اللّٰهُمَّ وال مَن والاه و عاد من عاداه), ва ту низ аввалин касе будӣ, ки байъат кардӣ, аммо нақзи аҳд кардӣ? Пас Талҳа бо шунидани ин суханон истиғфор карда ва баргашт. (Муруҷуззаҳаб 2/373).

Ин ҳадисро Масъудӣ ривоят карда ва Ҳоким дар Мустадрак онро заъиф донистааст. Аммо бо вуҷуди он, чун ба мазмуни ривоят бингарем, дармеёбем, ки мунозраи Алӣ бо Талҳа қабл аз воқеъаи Ҷамал сирфан ба хотири пешгирӣ аз вуқуъи ҷанг байни мӯминон ва лузуми нусрати Алӣ ба унвони амири мӯминон аст ва бадин хотир низ Алӣ бин Абӯтолиб ба қисмати аввали ҳадиси « من كنت مولاه فعلي مولاه), ишора намекунад.

## В. Саломи Ансор ба Алӣ дар Раҳба

Имом Аҳмад аз Рибоҳ бин Ҳарс ривоят мекунад: «Гуруҳе дар Раҳба ба назди Алӣ бин Абӯтолиб омаданд ва гуфтанд: (السلام عليك يا مولانا!), Алӣ дар ҷавоб гуфтанд: «Чӣ гуна ман мавлои шумо ҳастам, дар ҳоле, ки шумо қавми Араб ҳастед? Онон гуфтанд: «Шунидем, ки Паёмбар (с) дар рӯз Ғадир фармуданд: «من كنت مولاه فعلي مولاه». Рибоҳ бин Ҳарс мегӯяд: чун рафтанд дар пайи онон рафтам ва пурсидам, онҳо чӣ касоне буданд? Гуфта шуд: Гуруҳе аз Ансор, ки Абӯаюби Ансорӣ низ дар миёни онон буд. (Муснади имом Аҳмад 5/419).

Зоҳиран ин ривоят нишон медиҳад, ки бардошти онон аз маънои «мавло», ғайр аз маъное

буд, ки дар луғати Араб истеъмол мешавад ва бадин сабаб буд, ки Алӣ бар қавли онон эътироз кард.

Дар ривояти дигаре омадаст, ки онон аз лафзи «маволӣ» истифода карданд: «مَواليک يا أمير المومنين», ва Алӣ низ маънои ҳақиқии лафзи «мавло»ро барои онон баён кард, аммо ровӣ аз зикри он маъно худдорӣ кардааст. (Муснади имом Аҳмад 5/219).

Шояд мақсади онон раъият ва маръус буд, дар ҳоле, ки Алӣ бар асоси луғат маънои носир ва муҳибро дар назар дошт ва дар ин сурат аз ин ривоят метавон дар баҳс маънои луғавии лафзи «мавло» истифода кард.

## Бахши панҷум: Қавли шиа дар мавриди ҳадиси Ғадири Хум ва далоили он

Шиа ин ҳадисро нас ва далели қотеъ бар хилофати Алӣ бин Абӯтолиб медонад ва бар гуфтати хеш долоиле меоваранд, ки муҳимтарини он дар зер оварда мешавад ва мавриди баррасӣ қарор мегирад:

**Далели аввал**: Нузули ояти:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ﴾

Ривояте, ки нузули оятро ба қазияи Ғадири Хум нисбат медиҳад, дар бахши саввум зикр шуд, лизо дар инҷо ба кайфияти истидлол ба ин оят мепардозем:

Аллома Маҷлисӣ дар «Биҳорул-анвор» мегӯяд: «Хабарҳои гузашта дар мавриди нузули ояти ﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ﴾, баёнгари онаст, ки мурод аз мавло (дар ҳадиси Ғадир) ҳамон авло ба тасарруф, яъне имом ва халифа аст, зеро таҳдиди Парвардигор ба ин, ки агар амри Худовандро иблоғ накунӣ, ҳеҷ амре аз рисолататро иблоғ накардаӣ ва ҳамчунин замонати исмат барои ӯ иқтизо мекунад мақсуди оят иблоғи ҳукми муҳим бошад, ки иблоғашислоҳи дину дунёро

барои тамоми мардум дарбар дошта бошад, то ба василаи он ҳалолу ҳаром то рӯзи қиёмат мушаххас шавад, лизо пазириши он бар мардум сахт омад. Дар эҳтимолоти маънои «мавло» низ маънои хилофат аз ҳама қавитар аст ва мақсуд хилофати Алӣ аст, зеро ба василаи он аҳкоми дин боқӣ мемонад ва умури мусалмонон сомон меёбад ва чун кинаи мардум (ки ғолиби онон низ мунофиқ будаанд) мазаннаи барпоии фитна буд, пас Худованд тазмин намуд, ки Паёмбарро аз шарри онон масун (маҳфуз) бидорад». (Биҳорул-анвор 37/249).

Баррасии сабаби нузули ояти таблиғ ва ҳамчунин баҳси маънои луғавии лафзи «мавло» (ба тартиб дар бахши аввал ва саввум гузашт), аммо дар мавриди дигар даъвоҳое, ки аллома Маҷлисӣ ба хотири исботи хилофати Алӣ ва фавоиди он зикр кардааст, танҳо шоистааст ба ин матлаб ишора шавад, ки бо вуҷуди он, ки хилофат баъд аз Расули Худо (с) ба Алӣ бин Абӯтолиб нарасид, мо бисёр аз дағдағаҳо ва фавоиде, ки эшон барои хилофати Алӣ баршумурдааст, бароварда шуд, лизо наметавон даъво намуд, ки ислоҳи умури мусалмонон баъд аз реҳлати Паёмбар ба хилофати Алӣ бин Абӯтолиб мутаваққиф будааст. Ҳамчунин лозим ба зикр аст, ки бадниятӣ ва нисбати нифоқ ба Асҳоби Расули Худо (с) даъвои бузург ва хатарнок ба шумор меравад, ки

соҳати Паёмбар ва ёрони бузургвораш (р) аз он барӣ ва покиза аст.

Аллома Таботабоӣ дар тафсири машҳури «Алмизон» дар таносуби мавзуи ояти таблиғ бо меҳвари куллии сураи Моида (баҳси аҳли китоб) мегӯяд: «Дар замони нузули ин оят, қудрату шавкати Аҳли китоб шикаста шуда буд, лизо далеле бар тарс аз онон вуҷуд надошт, бинобарин ин оят бо меҳвари кулии сура таносубе надорад ва ин ояти мунфарид ва ҷудост, ки ҷудогона нозил шудааст». (Алмизон фи тафсирил-Қуръон 6/42).

Дар сухани аллома Таботабоӣ ду нукта қобили таъаммул аст: аввалан лафзи ﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ﴾ танҳо ду мартаба дар Қуръон омадааст; мартабаи аввал дар ояти 41 ҳамин сура, ки ба иттифоқи аксари муфассирин дар мавриди Яҳуд нозил шудааст ва мартабаи дуввум низ дар оғози ояти таблиғ, ки дар мазмуни хитоби он тардид кардаанд, аммо он чӣ бадеҳист, истифодаи лафзи «Расул» ба хотири инкори адами эътиқод ба рисолати Паёмбар аст, лизо баъид менамояд, ки мақсуд афроде аз мӯминон бошанд, ки ҷону моли хешро фидои Расули Худо (с) кардаанд.

Сонияи: даъвои шикаста шудани шавкати Яҳуд дар ҳангоми нузули оят дар сурате саҳеҳ аст, ки битавон замони нузули оятро ба баъд аз Ҳаҷҷатулвидоъ нисбат дод ва ин мусталзими инкор ва радди ривоёти саҳеҳест, ки замони нузули оятро ба Макка нисбат медиҳад, лизо пазириши он аз лиҳози илмӣ носаҳеҳ аст.

Ҳамчунин дар мавриди поёни ин оят « إن الله لا يهدي القوم الكافرين», шиа муътақид аст, ки аввалан мақсуд касонест, ки дар атрофи Паёмбар буданд ва сонияи адами ҳидояти онон ба маънои адами тавфиқи онон дар иҷрои макру кайдашон аст. (Алмизон 6/52).

Ин сухан аз ду ҷиҳат қобили накд аст: аввалан нисбати куфр ба асҳоби Паёмбар сухани газофест, ки аз он ба Худо паноҳ мебарем, сонияи тибқи раъйи шиа чӣ гуна Худованд пеши макри асҳоби Паёмбарро гирифт, дар ҳоле, ки онон хилофатро аз Алӣ ғасб намуданд.

Лизо мақсуд аз куфр дар ин оят тибқи раъйи муфассирин, китмон ва инкори оёти Парвардигор аст, ки Яҳуд муртакиби он буд:

﴿أَفَتُؤۡمِنُونَ بِبَعۡضِ ٱلۡكِتَٰبِ وَتَكۡفُرُونَ بِبَعۡضٖ﴾ [البقرة: ٨٥]

Ва охирин даъвои шиа дар мавриди ин оят ин, ки Худованд ин оятро амдан дар сураи Моида ва дар сиёқи мавзуи Аҳли китоб қарор додааст, то мабодо касе аз вуҷуди он огоҳӣ ёбад ва дар паи таҳрифи он барояд. (Тафсири Намуна 4/270).

**Далели дуввум**: Нузули ояти:

﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ ٣﴾ [المائدة: ٣]

Шиа муътақид аст, ки ин оят баъд аз қазияи Ғадир ва эълони ҷонишинии Алӣ бин Абӯтолиб аз сӯи Паёмбар (с) аст ва шоҳидест бар ин, ки хилофати эшон дар ҳукми такмилкунанди дин ва тамомкунандаи неъмати Парвардигор бар мардум аст, зеро имомат асли бузурге аз усули дин аст». (Хулосату ақаботул-анвон фи имомати айымматил-атҳор 8/275).

Чуноне, ки дар сабаби нузули ин оят гузашт, ҷамъи бисёре аз муҳаддисин монанди имом Бухорӣ, Муслим, Аҳмад, Тирмизӣ, Насоӣ, Ибни Ҷарир, Ибни Мунзир, Ибни Ҳиббон ва Байҳақӣ ривоят кардаанд, ки ин оят дар мавсими Ҳаҷҷатулвидоъ ва рӯзи Арафа (ки баробар бо рӯзи ҷумъа буд) бар Паёмбар (с) нозил шудааст, бинобарин дар инҷо ба баъзе аз

вуҷуҳи истидлол ба ин оят тибқи назари шиа иктифо мекунем:

Соҳиби тафсири Алмизон баъд аз баён ва мардуд донистани тамоми эҳтимолот дар мавриди нузули ин оят мегӯяд: «Баъид нест, ки манзур аз лафзи «кофирин» дар қисмати аввали ин оят:

﴿ٱلۡيَوۡمَ يَئِسَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن دِينِكُمۡ فَلَا تَخۡشَوۡهُمۡ وَٱخۡشَوۡنِۚ ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ ۝٣﴾ [المائدة: ٣]

тибқи ояти 109 сураи Бақара:

﴿وَدَّ كَثِيرٞ مِّنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ لَوۡ يَرُدُّونَكُم مِّنۢ بَعۡدِ إِيمَٰنِكُمۡ كُفَّارًا حَسَدٗا مِّنۡ عِندِ أَنفُسِهِم مِّنۢ بَعۡدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُمُ ٱلۡحَقُّۖ فَٱعۡفُواْ وَٱصۡفَحُواْ حَتَّىٰ يَأۡتِيَ ٱللَّهُ بِأَمۡرِهِۦٓۗ ۝١٠٩﴾ [البقرة: ١٠٩]

куффор аз Аҳли китоб бошанд ва мақсуд аз фаро расидан амр дар ояти 109 сураи Бақара ﴿حَتَّىٰ يَأۡتِيَ ٱللَّهُ بِأَمۡرِهِۦٓۗ ۝١٠٩﴾, таблиғи амри Худованд ва итмоми неъмат бар мӯминон ба василаи вилояти Алӣ бин Абӯтолиб бошад, зеро ба василаи вилоят ва имомати ишон, Аҳли китоб аз дини Ислом маъюс шуданд, лизо бадин тартиб инкори адами таносуби оёти сураи

Моида низ бартараф мешавад». (Алмизон фи тафсирил-Қуръон 5/176).

Аввалан таноқуз дар гуфтори гузашта ва ҳоли соҳиби Алмизон комилан равшан аст, зеро ишон дар тафсири ояти таблиғ саъй бар он доштанд, то лафзи «кофирин»ро ба асҳоби Паёмбар (с) нисбат диҳанд, аммо дар инҷо ин куфрро бо истифода аз ояти дигар ба Аҳли китоб нисбат доданд, соният ин сухани сангин аст, ки даъво шавад Паёмбар (с) дар тули даврони муборизоташ натавоиста Аҳли китобро маъюс кунад, то ин, ки вилояти Алӣ ононро аз зарба задан ба Ислом маъюс месозад.

Фахруддини Розӣ низ дар тафсири хеш бо истидлоли ақлӣ ба инкори қавли шиа дар мавриди ин оят мепардозад. (Тафсири Кабир 11/139).

**Далели саввум**: Нузули ояти ﴿سَأَلَ سَآئِلُۢ بِعَذَابٖ وَاقِعٖ ١﴾ [المعارج: ١]

Баъзе аз тафосири шиа аз имом Ҷаъфари Содиқ нақл мекунанд: «Онгоҳ, ки Паёмбар (с) Алиро ба ҷонишинӣ мансуб карданд ва фармуданд: (من كنت مولاه فعلي مولاه), ин хабар ба тамоми ҷо печид. Пас Нуъмон бин Ҳориси Феҳрӣ, ба назди Паёмбар (с)

омад ва гуфт: Моро амр кардӣ, ки ба ягонагии Худованд гувоҳӣ диҳем ва ин, ки ту фиристодаи Ӯ ҳастӣ ва моро ба ҷиҳоду Ҳаҷ ва рӯзаву намоз ва закот амр кардӣ, пас мо низ пазируфтем. Сипас розӣ нашудӣ то ин, ки ғуломиро бар мо ҳоким сохтӣ ва гуфтӣ: «من كنت مولاه فعلي مولاه». Пас оё ин амре аз сӯи туст ё Худованд? Паёмбар (с) фармуданд: балки аз назди Худованд аст! Нуъмон пушт кард ва гуфт:

﴿ٱللَّهُمَّ إِن كَانَ هَٰذَا هُوَ ٱلۡحَقَّ مِنۡ عِندِكَ فَأَمۡطِرۡ عَلَيۡنَا حِجَارَةً مِّنَ ٱلسَّمَآءِ أَوِ ٱئۡتِنَا بِعَذَابٍ أَلِيمٖ ٣٢﴾ [الانفال: ٣٢]

Худованд низ санге аз осмон нозил кард ва ӯро ҳалок намуд, сипас Худованд ин оятро нозил фармуд: ﴿سَأَلَ سَآئِلُۢ بِعَذَابٖ وَاقِعٖ ١﴾. (Алмизон фи тафсирил-Қуръон 20/11).

Сабаби нузули ин оят дар аксари кутуби ҳадис ва тафсир машҳур аст. Бухорӣ аз Анас бин Молик ривоят мекунад: Абӯҷаҳл гуфт: ﴿ٱللَّهُمَّ إِن كَانَ هَٰذَا هُوَ ٱلۡحَقَّ مِنۡ عِندِكَ فَأَمۡطِرۡ ٣٢﴾, пас Худованд низ ин оятро нозил кард: ﴿وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُعَذِّبَهُمۡ وَأَنتَ فِيهِمۡۚ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ مُعَذِّبَهُمۡ وَهُمۡ يَسۡتَغۡفِرُونَ ٣٣﴾ [الانفال: ٣٣]. (Фатҳулборӣ 8/848).

Ҳамчунин Ибни Ҷарири Табарӣ аз Ибни Аббос ва Муҷоҳид (р) дар мариди ин оят ﴿سَأَلَ سَآئِلُۢ بِعَذَابٖ وَاقِعٖ ۝١﴾, ривоят мекунад: «Ин оят дар ҷавоби дархости азоб аз сӯи куффор нозил шуд». (Ҷомеъулбаён фи тафсири-Қуръон 29/44).

**Далели чаҳорум:** Шеъри Ҳассон бин Собит

Баъзе аз кутуб зимни нақли қазияи Ғадири Хум, абётеро аз Ҳассон бин Собит ривоят мекунанд, ки ба тафсир ва шарҳи ҳадиси Ғадир мепардозад.

Хаворазмӣ дар китоби Алманоқиб аз Абӯсаъиди Худрӣ ривоят мекунад, ки баъд аз қазияи Ғадир ва нузули ояти ﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ ۝٣﴾ [المائدة: ٣], Ҳассон бин Собит ба Паёмбар (с) гуфт: Иҷоза бидиҳед то абёте бигӯям! Паёмбар (с) ба ишон фармуданд: «قل على بركة الله», сипас Ҳассон ин абётро суруд:

«يناديهم يوم الغدير نبيّهم * بخمّ واسمع بالرسول مناديا

بأني مولاكم نعم و وليكم * فقالوا و لم يبدوا هناك التعاميا

إلهك مولانا و أنت ولينا * فلا تجدن فى الخلق للأمر عاصيا

فقال له قم يا علي فإنني     *     رضيتک من بعدي إماماً و هاديا».

Ваҷҳи истидлол ба ин абёт онаст, ки сарояндаи он саҳобиест ва бо иҷоза ва дар ҳузури Расули Худо (с) суруда шуда ва мавриди тақрири Паёмбар (с) воқеъ шудааст, аммо ин абётро танҳо дар кутубе метавон ёфт, ки мавриди истидлоли шиа аст, мисли (Кашфулғумма фи маърифтил-аимма, Тазкиратул-хавос, Фароидус-самтин ва Маноқиби Хаворазмӣ).

Бо нигоҳе ба ин ривоят дармеёбем, ки маҷмуъи руввот, онро аз тариқи Абӯҳоруни Абдӣ (Аммора бин Ҷувайни Абдии Басрӣ) ривоят карданд ва ӯ касест, ки мавриди такзиби аксари муҳаддисин воқеъ шудааст. Ибни Ҷарир мегӯяд: «Чӣ гуна ӯро мутаҳам ба кизб накунанд, дар ҳоле, ки Ибни Адий дар Алкомил аз Баҳз бин Асад ривоят мекунад: ба назди Абӯҳоруни Абдӣ рафтам ва гуфтам: чизе аз он чӣ аз Абӯсаъид навишатаӣ, бароямон биёвар! Ӯ китобе овард, ки дар он навишта буд: Аз Абӯсаъид шунидам, ки мегӯфт: (Усмонро дар қабраш ниҳоданд, дар ҳоле, ки кофир ба Худованд буд). Ба ӯ гуфтам: оё бар ин гуфта иқрор дорӣ? ӯ гуфт: дақиқан ҳамон аст, ки дидӣ! Пас китобро ба сӯяш андохтам, зеро ин дуруғи бузург бар Абӯсаъиди Худрӣ аст». (Таҳзибу-таҳзиб 4/248).

Ин аслитарин далоили шиа буд, ки дар кутуби мухталифи шиа дар маврид ҳадиси Ғадири Хум ба он истидлол шудааст.

## Бахши шашум: Қавли Аҳли суннат ва ҷамоъат дар мавриди ҳадиси Ғадири Хум

Муҳаммад Рашид Ризо дар тафсири «Алманор» мегӯяд: «Аҳли суннат мегӯянд, ин ҳадис (ҳадиси Ғадири Хум) далолат бар вилоят ба маънои имомат ва хилофат намекунад ва ин маъно дар Қуръон наёмадаст, балки мурод аз лазфи вилоят, вилояти нусрат ва маваддатест, ки Худованд онро дар миёни мӯъминон ҷорӣ сохтааст: ﴿وَٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتُ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ بَعۡضٖۚ ٧١﴾ [التوبة: ٧١], ва маънои ин ҳадис чунин аст, ки ҳар кас ман носир ва муҳибби ӯ ҳастам, пас Алӣ низ носир ва муҳибби ӯст, ё ба ибораи дигар, касе маро дӯст дорад ва нусрат медиҳад, Алиро дӯст бидорад ва нусрат диҳад». (Тафсири Алманор 6/465).

Ин хулосаи ақидаи Аҳли суннат ва ҷамоъат аст ва бар қавли хеш далоиле аз Қуръон, Суннат, забони Араб ва таърих меоваранд, ки машҳуртарини онҳо иборат аст аз:

**Далели аввал**: «Мавло» ба маънои авло ба тасарруф наёмадааст. Имом Олӯсӣ дар тафсири «Руҳул-маъонӣ мегӯяд: «Аз лиҳози луғавӣ, лафзи «мавло» ба маънои авло ба тасарруф намеояд ва аҳли луғат бар ин матлаб иқрор доранд ва мегӯянд: вазни

«مَفعل» ҳеҷгоҳ бар вазни «أفعل» намеояд ва агар низ онро ҷоиз бидонем, мунҳасиран ба маънои авло ба тасарруф намеояд, балки эҳтимол дорад, авло ба муҳаббат, авло ба таъзим ва монанди он биёяд ва ҷӣ бисёр мавзеъе, ки лафзи «авло» омадааст, аммо наметавон онро авло ба тасарруф маъно намуд, мисли ин сухани Парвардигор: « إن أولى الناس بإبراهيم للذين اتّبعوه و هذا النبي والذين آمنوا» (روح المعاني ٦/١٩٥. (Баргирифта аз Руҳул-маъонӣ 6/195).

Ибни Таймия мегӯяд: «Миёни «ولي» ва «مولى» ва амсоли он, бо лафзи «والى» фарқ аст; боби «вилоят», ки дар маъно зидди адоват аст, мутафовит аст аз боби вилояте, ки ба маънои иморат аст. Маънои ҳадис (Ғадир) вилоятест, ки зидди адоват аст ва Паёмбар (с) нафармуданд: «مَن كنت واليه فعلي واليه», балки фармуданд: «مَن كنت مولاه فعلي مولاه», ва маъно намудани «مولى» ба «والى» ботил аст». (Минҳоҷус-суннаҳ алнабавияҳ (4/87).

Соҳиби Рӯҳул-маъонӣ мегӯяд: «Сухани Паёмбар (с) тибқи ривоёти «اللّٰهُمَّ وال من والاه و عاد من عاداه» аст ва агар мақсуди авло ба тасарруф буд, яқинан Паёмбар (с) мефармуд: «اللّٰهُمَّ وال من كان فى تصرفه و عاد من لم يكن كذلك», бинобарин мақсуди Паёмбар (с) ийҷоби муҳаббат ва маваддати Алӣ (каррамллоҳу ваҷҳаҳу) аст ва агар

мақсуд хилофати ишон буд, ҳатман онро ба сароҳат баён мекард». (Рӯҳул-маъонӣ 6/195).

Ҳамчунин далеле вуҷуд надорад, ки мушаххас кунад мақсуди Паёмбар (с) аз лафзи «مولى» дар ду тафари ҳадис «مولى ووال» мутафовит будааст ва бадеҳист, агар мақсуд аз дуои Паёмбар (اللّٰهُمَّ وال من والاه), авло ба тасарруф ва иморат бошад, лозим аст, ҳар кас Алиро имом бидонад, худ низ ба мақоми имомат бирасад ва ин амри ботил аст.

**Далели дуввум**: Дар хутбаи Ҳаҷҷатулвидоъ сухане аз хилофат ба миён наёмадааст

Ибни Ҳишом аз Ибни Исҳоқ дар мавриди Ҳаҷҷатулвидоъ нақл мекунад: «Паёмбар (с) баъд аз анҷоми маносики Ҳаҷ хутбае эрод намуд ва фармуд: «Эй мардум! Сухани маро бишнавед, шояд баъд аз ин дигар маро дар ин мавқиф набинед!» сипас мардумро дар бораи умури мухталиф тазаккур дода, сипас фармуданд: «Эй мардум! Сухани маро бигиред, зеро ман ба шумо иблоғ кардам ва дар миёни шумо баҷой гузоштам, он чиро, ки агар ба он пойбанд бошед, ҳеҷгоҳ гумроҳ намешавед: китоби Худо ва суннати Паёмбараш!» Сипас мардумро ба риъояти дӯстӣ ва бародарӣ даъват намуданд ва сипас

фармуданд: (اللّٰهُمَّ هل بلّغت؟), (Оё иблоғ кардам?), мардум посух доданд: Оре! Эй Расули Худо (с). Ишон фармуданд: Паврардигоро! Шоҳид бош. (Сирати Набавӣ, Ибни Ҳишом, 4/251).

Аз ривояти фавқ чанд матлаб қобили бардошт аст: аввалан ин охирин мавқифи умумист, ки Паёмбар (с) дар он ба суханмепардозад, лизо усул ва аҳкому насоиҳро дар он ба мардум тазаккур медиҳад ва таъкид мекунад, ки мардум бояд онро хуб бахотир бисупоранд, сонияи иборай «اللّٰهُمَّ هل بلّغتُ», баёнгари он аст, ки ҳар он чӣ Расули Худо (с) дар ин хутба пешкаш мекунад, мисдоқ ва мазмуни он чизест, ки Худованд ба ишон амр кардааст, то ба мардум иблоғ намоянд, аммо дар он ҳеҷ ишорае ба хилофат баъд аз худ намекунад, дар ҳоле, ки муносибтарин ҷойгоҳ ба ҳисоб меомад.

**Далели саввум:** Ояти таблиғ наметавонад баъд аз Ҳаҷ ҷатулвидоънозил шуда бошад

Ибни Таймия дар «Минҳоҷи Суннат» мегӯяд: «Ин оят (ояти таблиғ) наметавонад баъд аз Ҳаҷҷатулвидоъ нозил шуда бошад, зеро Паёмбар (с) қабл аз он, ҳама чизро иблоғ намуда буд, ва дар он

замони тарсе аз касе надошт, ки ниёзе ба муҳофизати илоҳӣ дошта бошад, балки дар Ҳаҷҷатулвидоъ тамоми касоне, ки аз Макка ва Мадина дигар ҷойҳо ҳузур доштанд, мусалмон ва фармонбардори Паёмбар буданд ва мунофиқин низ бо вуҷуд исрор бар нифоқи хеш, касе дар миёни онон набуд, ки бихоҳад бо Паёмбар (с) мухолифат кунад, ё ин, ки Паёмбар (с) аз ӯ тарсе дошта бошад, пас далеле вуҷуд надорад, ки Худованд дар чунин марҳалае бигӯяд: «иблоғ кун он чӣ Худо ба ту амр кардааст, зеро агар иблоғ накунӣ, рисолататро иблоғ накардаӣ ва Худованд туро аз душмании мардум масун медорад». (Минҳоҷи Суннати Набавӣ 4/85).

**Далели чаҳорум**: Паёмбар (с) баъд аз баргашт аз Ҳаҷҷатулвилоъ то замони реҳлат ба амри хилофат ишорае накарданд.

Паёмбар (с) ҳудуди 80 рӯз баъд аз баргашт аз Ҳаҷҷатулвидоъ реҳлат карданд ва беш аз 10 рӯз дар бистари беморӣ буданд ва дар замони беморӣ ба чандин амри муҳим ишора карданд, ки муҳимтарини онҳо иборат аст аз :

1. Супоришу васият нисбат ба Ансор, чуноне, ки мефармояд: «Эй гуруҳи Муҳоҷирин! бо Ансор ба хубӣ рафтор кунед, зеро мардум дар ҳоли

зиёдшудан ҳастанд, аммо Ансор зиёд намешаванд ва онон пуштибони ман буданд, пас ба хубони онон хубӣ кунед ва аз бадиҳои онон бигзаред».

2. Фармони таҷҳизи (омодасохтани) лашкари Усома бин Зайд, чуноне, ки мефармояд: «Эй мардум! Лашкари Усомаро таҷҳиз кунед, пас ба Худо савганд агар дар мавриди фармондеҳии ӯ чизе гуфтед, пас дар мавриди фармондеҳии падараш пеш аз ӯ низ ҳамонро гуфта будед. Ҳамоно ӯ лоиқи фармондеҳист, ҳамон гуна, ки падараш лоиқи фармондеҳӣ буд».
3. Дуо барои Усома чуноне, ки Муҳаммад бин Усома аз падараш нақл мекунад: Онгоҳ, ки ҳоли Паёмбар сангин шуд, ман ва дигар мардум ба Мадина омадем ва ман бар Паёмбар (с) ворид шудам, аммо ишон сокит буданд ва ҳарфе намезананд, пас дастонашро ба сӯи осмон боло бурданд ва сипас бар ман гузоштанд, пас ман донистам, ки ишон барои ман дуо мекунанд.
4. Фармони Худованд ба намоз гузоридани Абӯбакр (р) бо мардум, чуноне, ки Ойша (р) ривоят мекунанд: Чун ҳоли Паёмбар (с) нохуш шуд, Ишон фармуданд: «Ба Абӯбакр бигӯед,

бо мардум намоз бихонад». (Сирати Ибни Ҳишом 4/300).

Бо нигоҳе ба мавориди мазкур ва мавориди мушобеҳ дар меёбем, ки ишон ҳеҷ ишорае ба амри хилофат баъд аз худ накарданд, дар ҳоле, ки медонистанд ба зӯдӣ ба Рафиқи аъло хоҳанд пайваст ва танҳо Абӯбакрро ба унвони ҷонишин хеш дар имомати намоз баргузиданд ва ҳамин низ сабаб шуд, Асҳоб баъд аз реҳлати Паёмбар (с) ба он истидлол кунанд ва бигӯянд: «оё касеро, ки Паёмбар (с) барои раҳбарии динамон баргузидааст, барои раҳбарии дунёи хеш барнагузинем».

**Далели панҷум**: Ривояти имом Муслим мабнӣ бар супориш ба Аҳли байт дар минтақаи Хум.

Имом Муслим дар китоби саҳеҳи хеш аз Язид бин Ҳайён нақл мекунад: Ман ва Ҳусайн бин Субра ва Умар бин Муслим ба назди Зайд бин Арқам рафтем ва чун дар назди ишон нишастем, Ҳусайн бин Субра ба Зайд гуфт: Яқинан ту хайри фаровонеро дарк кардаӣ, Паёмбарро дидаӣ, суханашро шунидаӣ, бо ӯ ба ҷиҳод рафтаӣ ва бо ӯ намоз хондаӣ, яқинан ту хайри фаровонеро дарк кардаӣ! пас барои мо чизе бигӯӣ аз он чӣ аз Расули Худо (с) шунидаӣ! Зайд бин Арқам гуфт: Эй писари бародарам! Яқинан сини ман

боло рафт ва ҳамсуҳбатии ман бо ишон қадимӣ шудааст ва бисёре аз чизҳоеро, ки аз Ишон шунидаам, фаромӯш кардаам, пас он чиро барои шумо гуфтам, бипазиред ва он чиро нагуфтам, маро мукаллаф ба он накунед! Сипас фармуданд: Паёмбар (с) рӯзе дар ҷамъӣ мо хутбае хонд ва дар миёни мо обе, ки онро Хум (Ғадири Хум) меномиданд, ки дар миёни Макка ва Мадина воқеъ буд, Ишон баъд аз ҳамду санои Парвардигор фармуданд: «Аммо баъд , эй мардум! Ман башаре ҳастам, ки чӣ басо фиристодаи Парвардигорам (Малакулмавт) ба наздам биёяд ва посӯх бигирад), сипас фармуданд: (و أنا تارک فيکم الثقلين، أولهما کتاب الله فيه الهدى و النور فخذوا بکتاب الله و استمسکوا به), яъне «ман ду чизи сангинро дар миёни шумо боқӣ мегузорам, якуми он ду, китоби Худост, ки ҳидоят ва нур дар он аст, пас китоби Худоро бигиред ва бо он мутамассик бошед», сипас Паёмбар (с) бисёр нисбат ба китоби Худо тарғиб ва тавсия намуданд, сипас фармуданд: (و أهل بيتي، أذکرکم الله في أهل بيتي، أذکرکم الله في أهل بيتي، أذکرکم الله في أهل بيتي), яъне: (ва боқӣ мегузгорам дар миёни шумо Аҳли байтамро, Худовандро ба ёди шумо меоварад дар риъояти Аҳли байтам..), сипас Ҳусайн бин Субра ба Зайд бин Арқам гуфт: чӣ касоне Аҳли байт ҳастанд? Оё занонашон ҷузъи Аҳби байт ҳастанд? Зайд гуфт: Оре! Зананонаш Аҳли байт ӯ ҳастанд, аммо Аҳли байт

касоне ҳастанд, ки садақа бар онон ҳаром шудааст). Ҳусайн пурсид: ва онон чӣ касоне ҳастанд? Зайд гуфт: Оли Алӣ ва Оли Ақил ва Оли Ҷаъфар ва Оли Аббос, ки садақа бар онон ҳаром шудааст».

Саҳеҳи Муслим 8/190

Шояд ин ҳадис битавонад ҷамъкунанда байни ақволи мухталиф дар мавриди мафҳум ва мақсуди ҳадиси Ғадири Хум бошад ва бадин хотир аст, ки дар назди Аҳли суннат, хонадони Расули Худо дорои ҷойгоҳи вижае ҳастанд ва аз миёни онон, Алӣ бин Абӯтолиб ва хонаводаи Ишонро рушноии чашмони хеш ва ёдгори байти Набавӣ медонанд ва бар муҳаббат ва маваддати Ишон бар худ меболанд.

Феҳрасти мароҷеъ:


1. Қуръони Карим
2. Фатҳулборӣ, Ибни Ҳаҷар
3. Шарҳи Нававӣ бар саҳеҳи Муслим.
4. Суннати Тирмизӣ.
5. Сунани Абӯдовуд.
6. Сунани Ибни Моҷаҳ.
7. Муснади Имом Аҳмад.
8. Мустадраки Ҳокими Найшопурӣ.
9. Маҷамаъуззавоид ва манбаъулфавоид, Ҳайсамӣ.
10. Алмуъҷамул-кабир, Табаронӣ.
11. Тафсири Кабир, Имом Розӣ.
12. Ҷомеъулбаён фи тафсири Қуръон, Табарӣ.
13. Фатҳулқадир, Шавконӣ.
14. Тафсири Манор, Муҳаммад Рашид Ризо.
15. Тафсири Ибин Касир.
16. Руҳулмаъонӣ, Олӯсӣ.
17. Сирати Набавӣ, Ибни Касир.
18. Сирати Набӣ, Ибни Касир.
19. Албидояту ванниҳояҳ, Ибни Касир.
20. Таърихи умам ва мулук, Табарӣ.
21. Муруҷуззаҳаб, Масъудӣ.
22. Тарихи мадинаи Димишқ, Ибни Асокир.
23. Лисонул-араб, Ибни Манзури Мисрӣ.
24. Ассиҳоҳ, Ҷавҳарӣ.

25. Алниҳояту фи ғарибил-ҳадиси валасар, Ибни Асир.
26. Алкомил, Муҳаммад бин Язид Мубаррид.
27. Минҳоҷусуннатинабавия, Ибни Таймия.
28. Маҷмуъи фатово, Ибни Таймия.
29. Силсилаи аҳодиси саҳеҳ, Албонӣ.
30. Ал-Ғадир,Аллома Аминӣ.
31. Ал-мизон, Аллома Таботабоӣ.
32. Усули Кофӣ, Кулайнӣ.
33. Алманоқиб, Хаворазмӣ.
34. Хулосату ақаботиланвор.., Алӣ Ҳусайни Майлонӣ.
35. Исботулимомa, Аллома Муҳаммад бин Шайх Абду Алӣ Оли Ҷабор.
36. Тафсири Намуна, Ҷамъе аз навистандагон.